**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих).**

Дар чоряки аввали асри XXI бо пайдоиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва шеваи муборизаҳои қувваҳо то ҳаде тағйир ёфт. Асри XXI-ро, ки асри технология унвон кардаанд, аммо чолишҳо, носуботии минтақаҳоро дар чор панҷсолаи охир мушоҳида кардан мумкин аст, ки маҳз бо таъсири интернет, сомонаҳои хабарагузорӣ ва ҳуҷумҳои киберию ғасби фазои маҷозӣ ба амал омадааст. Раванди мазкурро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта, талоши онро мекунад, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҷиҳати таъмини амнияти иттилотӣ дар муносибатҳои дуҷониба ва бисрёҷонибаи худ ва махсусан бо созмонҳои минтақавӣ ба миён гузорад.

Мубрам будани диссертатсияро муаллиф дар автореферат дар чунин шакл баён менамояд. Норафшан гардидани фазои маҷозӣ, ҳамлаҳои киберӣ, бавуҷуд омадани гурӯҳҳои ифротӣ кишварҳои Осиёи Марказиро ба изтироб овардааст. Бо назардошти ин кишварҳои минтақа роҳҳи асосии мубориза бар зидди хатарҳои мавҷударо маҳз кори дастаҷаъмонаи худ медонанд. Ҳамин аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ ба монанди СААД, ИДМ ва СҲШ қарорҳои дахлдор оиди амнияти иттилотӣ қабул кардаанд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф марҳилаҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти амнияти иттилоотӣ ва муқовимати кишварҳо бар зиддӣ хатарҳои иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мусаллам аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI дар баробари мушкилотҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ,

сиёсӣ ва фарҳангӣ ба амнияти иттиоотӣ низ дучор гардидаанд. Муаллифи рисола равандҳои таъсри муборизаҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои киберӣ ба сохторҳои гуногуни кишварҳо ва гаравидани ҷавонони ба гурӯҳҳои ифротиро, ки маҳз тавасути технолгияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ сурат мегирад мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Тибқи нишондоди автореферат, мубармии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекти он, мавзуи (предмет) таҳқиқот ва фарзияи он, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия иборат мебошад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии ин таҳқиқоти рисоларо равиши системавӣ-таърихӣ дар якҷоягӣ бо як катор усулҳои умумии илӣ - таърих, таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад. Тадбиқи ин принсипҳои методологӣ имкон медиҳад, ки равандҳо ва падидаҳои асосии марбут ба ташаккул, рушд ва хусусиятҳои хосси ҳамкориҳои минтақавӣ дар чоряки аввали асри XXI, инчунин нақши онҳо дар сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян карда шаванд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, қисми муҳтавои асосии диссертатсия аз 3 боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Хулосаи таҳқиқот дар 8 банд ва зербандҳо хуб ҷамъбаст гардидааст. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ ба таври шоиста пешниҳод гардидаанд.

Воқеан, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар автореферат бобҳову фаслҳо ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқро пурра инъикос намояд. Ба боварии комил метавон гуфт, ки автореферат фишурдаи фарогири муҳтавои диссертатсия буда, ба меъёрҳои таҳияи авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ба талаботи бандҳои 31-37- и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) арзанда аст.

**Мудири**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 934162099; E-mail: saynakov2012@mail.ru
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода Саидвалӣ**

“18” 11 2025